# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

аз «31» 01 соли 2025 № 40/шд ш. Душанбе

*Дар бораи қатъ кардани фаъолияти шурои диссертатсионӣ*

Мутобиқи сархати 15 банди 9 ва сархати 4 банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии “Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон” (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, №270) сархати 1 банди 121 ва банди 122 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бинобар риоя нагардидани талаботи бандҳои 2, 3, 6, 7 ва 21 Низомномаи шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) дар ҳимояи диссертатсияи довталабон: Рафиев Саидбек Самиевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14 - Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо ва Раҷабов Абдуҷаббор Рузимадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 01.04.14-Физикаи ҳарорат ва назарияи техникаи гармо фаъолияти шурои диссертатсионии 6D.КОА-041 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ қатъ карда шавад.

2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-математикӣ ва техникӣ (Гулзода А.Б.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия чораҷӯӣ намояд.

3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмӣ Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 январи соли 2025, № 2

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ

Раис Давлатзода С.Х.